Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ниёзбекова Гуличаҳон Алибековна дар мавзӯи «Шароити педагогии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ" барои дарёфти илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва тахсилот (илмҳои педагогӣ)

Ниёзбекова Гуличаҳон Алибековна соли 1986 институти педагогии давлатии Душанбе бо ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоиро хатм намудааст.

Аз соли 2017 то инҷониб ба хайси роҳбари литсейи Донишгохи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолияти педагогӣ менамояд.

Аз соли 2015 унвонҷӯи кафедраи ҷамъиятшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад. Мавзӯи диссертасонии ӯ мутобиқи тематикаи корҳои илмӣ-тадқиқотии донишкада интихоб шудааст.

Дар давраи иҷрои кори диссертасионӣ Ниёзбекова Гуличаҳон Алибековна

худро ҳамчун тадқиқотчии болаёқат, ташабусскор, босавод нишон дода, қобилияти хуби гузаронидани тадқиқотҳо, таҳлили педагогӣ, мустақилона муайян намудани роҳҳои ҳалли мақсад ва вазифаҳо гузошташударо дорад.

Мавзӯи рисолаи номзадии Ниёзбекова Гуличаҳон Алибековна муҳим ва саривақтӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи шароити педагогии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ диққати ҷиддӣ зоҳир карда мешавад, зеро азхудкунии самараноки донишҳо дар айни замон бидуни кобилияти иттилоот номумкин аст.

Яке аз ҷузъҳои саводнокии функсионалии инсони муосир кобилияти гирифтани иттилоот мебошад. Имрӯз, дар асри технологияҳои иттилоотӣ, ба даст овардани донишу малакаҳо дар соҳаи технологияҳои нави иттилоотӣ дар тарбияи мутахассиси оянда аҳамияти хоса дорад. Ҳоло дар Тоҷикистон як низоми нави таҳсилот, ки барои ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ нигаронида шудааст, шакл гирифта истодааст.

Навсозии низоми таълим ҷараён дорад - амалияи таълим аз омӯзгорон тақозо карда истодааст, ки кулли ҷараёни таълиму тарбия, услуби онро бозсозӣ намоянд ва кори омӯзгору хонанда тағйир дода шавад.

Дуруст гузоштани мақсад ва масъалаҳо, муайян намудани объект ва предмети тадқикот ба Ниёзбекова Г.А. имкон дод,ки ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардад, ки арзиши илмӣ- амалӣ дорад.Аз ҷумлаи онҳо;

- муайян намудани шароити самараноки иҷтимоию педагогии ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбия ва истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимӣ дар дарсҳои

омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлил намудани роҳҳои беҳтарсозии шароити педагогӣ тавассути ворид кардани технологияҳои инноватсионӣ ба раванди таълиму тарбияи муассисаҳо таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонон;
- омӯхтани таъсири ташкили раванди таълиму тарбия дар заминаи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- гузаронидани корҳои таҷрибавӣ бо шароити педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Натиҷахои тадқикотӣ илмии Ниёзбекова Г.А. дар конференсияҳои байналхалқӣ,ҷумҳуриявӣ, Академияи илмҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Ҷомӣ, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шакли маърӯза ва мақолаи илмӣ баён шудаанд.Интишороти унвонҷуй масъалаҳои тадқиқшударо пурра инъикос менамоянд.Натиҷаҳои кори диссертатсионии унвонҷуй дар амалия дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, литсейи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Литсейи инноватсионии «Душанбе», литсейи №2 барои хонандагони болаёқати ноҳияи Рудакӣ, гимназияи № 74-и шаҳри Душанбе дар ҷараёни таълим истифода мешаванд.

Сохтори рисолаи илмӣ мантиқан дуруст буда лаҳзаҳои характери навгонии илмӣ доштаро доро мебошад.Рисолаи илмии Ниёзбекова Г.А. кори илмии мустақилонаи ба итмомрасидаро ифода карда, муаллифи он барои ноил гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ,номзади илмҳои педагогӣ,
и.в дотсенти кафедраи забонҳои
Донишгохи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон: Мирзоева С.Р

Имзои Мирзоева С.Р.-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус: Пирзода С.С.